**Дар Вазорати адлия аз 24.02.2022**,
**№1140 ба қайд гирифта шуд**

Замимаи 1
ба фармоиши вазири молияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «10» 02 соли 2022, №30

Дастурамал
дар бораи тартиби ҳисоб ва пардохт намудани андоз аз фурӯш

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Дастурамал дар бораи тартиби ҳисоб ва пардохт намудани андоз аз фурӯш (минбаъд - Дастурамал) супорандагони андоз, объекта андозбандӣ, манбаъ ва меъёри андоз, тартиби ҳисоб ва пардохти андоз, ба ҳисоб гирифтани маблағи андоз аз фурӯшро муқаррар менамояд.

2. Барои мақсадҳои Дастурамал моли андозбандишаванда алюминийи аввалия ба хисоб рафта, амалҳои зерин амалиётҳои андозбандишаванда (минбаъд - фурӯш) ба ҳисоб мсраванд:

- таҳвили моли андозбандишаванда;
- воридоти молҳои андозбандишаванда ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ва (ё) содироти молҳои андозбандишаванда берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- коркарди молҳои андозбандишаванда аз ҷониби истеҳсолкунанда барои коркард, ба гарав ва (ё) ба сифати ашёи хом барои коркард додани онҳо;
- таҳвил (фурӯш)-и молҳои андозбандишаванда тибқи шартномаҳои фючерсӣ (форвардӣ) ё намудҳои дигари додан (бегона кардан)-и молҳои андозбандишаванда;
- ба шахси дигар додани молҳои андозбандишавандае, ки натиҷаи хизматрасониҳо оид ба истеҳсоли молҳои андозбандишаванда мутобиқи низоми гумрукии коркард дар ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

3. Андоз аз фурӯши алюминийи аввалия (минбаъд - андоз аз фурӯш) хангоми анҷом додани амалиёти андозбандишаванда пардохт мешавад, дар айни замон хангоми анҷом додани амалиётҳои мазкур, ба истисноп амалиётҳои андозбандншавандаи дар сархати панҷуми банди 2 Дастурамал муайяншуда, андоз аз арзиши иловашуда ситонида намешавад.

## 2. АНДОЗСУПОРАНДАГОН, ОБЪЕКТЫ АНДОЗБАНДӢ ВА МАНБАИ АНДОЗ

4. Супорандагони андоз аз фурӯш шахсоне мебошанд, ки объекти андозбандӣ доранд.

5. Объекта андозбандӣ анҷом додани амалиёти андозбандишаванда бо молхои андозбандишаванда мебошад.

6. Намудҳои дигари молҳои андозбандишаванда, ки бо истифода аз низоми гумрукии "Коркард" дар ҳудуди гумрукӣ истеҳсол гардида, бо андози фурӯш андозбандӣ карда мешаванд, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд.

7. Манбаи андоз арзиши молҳои андозбандишаванда мебошад, агар дар бандҳои 8-10 Дастурамал тартиби дигаре муқаррар нашуда бошад. Ҳангоми ҳисоб намудани манбаи андоз арзиши воҳиди моли андозбандишаванда бо дар назар доштани сифат, намуд ва навъ, дар асоси нархҳои дар санаи содир гардидани амалиёти андозбандишаванда дар биржаи металлҳои рангаи Лондон ташаккулёфта муайян карда мешавад.

8. Андозсупорандагоне, ки бо харида фурӯхтани молҳои андозбандишаванда машғуланд, андоз аз фурӯшро дар шакли фарқи байни маблағи андозе, ки дар асоси нархҳои барои андозбандӣ истифодашаванда дар санаи фурӯши молҳои андозбандишаванда ба харидорон ҳисобкардашуда ва нархҳо дар санаи хариди онҳо аз таҳвилкунандагони худ ҳисоб карда шудаанд, пардохт менамоянд.

9. Манбаи андоз барои молҳои андозбандишавандае, ки бо истифодаи низоми гумрукии "Барориш барои муомилоти озод" ворид карда мешаванд, мутобиқи қонунгузории гумрук дар асоси нархҳои муқаррарнамудаи банди 7 Дастурамал муайян карда мешавад.

10. Манбаи андоз барои молҳои андозбандишавандае, ки бо истифодаи низоми гумрукии "Коркард дар ҳудуди гумрукӣ" истеҳсол шудаанд, арзиш (ҳаҷм)-и маҳсулоти коркарди бо дар назар доштани нархҳои мутобиқи банди 7 Дастурамал муайяншуда, мебошад.

Эзоҳ: Мисоли 1. ҶДММ "А" аз гилхоки барои истеҳсоли алюминийи аввалия истифодашаванда алюминийи аввалияро истеҳсол намуда, як қисми онро ба хориҷи кишвар содирот намуда, қисмати дигарро дар дохили кишвар мефурӯшад. Вобаста ба амалиёти мазкур ҶДММ "А" супорандаи андоз аз фурӯш ба ҳисоб меравад.

Мисоли 2. ҶДММ "К" 15 июли соли 2022 100 тонна алюминийи аввалияро бо нархи биржаи металлҳои рангаи Лондон, ки 1 тоннаи он маблағи 2950 доллари Иёлоти Муттаҳидаи Америка (минбаъд-ИМА)-ро ташкил медиҳад, аз ҶДММ "А" дар маҷмуъ ба маблағи 295,0 ҳазор доллари ИМА харидорӣ намудааст, ки аз он ба маблағи 8850 доллари ИМА (295,0 ҳазор доллари ИМА*3% меъёри андоз) бо пули миллӣ баробар бо қурби расмии Бонки миллии Тоҷикистон андоз аз фурӯш ҳисоб ва ба буҷет пардохт карда шудааст. ҶДММ "К" миқдори мазкури алюминийи аввалияро 15 сентябр ба ҶДММ "М" бо нархи 3500 доллари ИМА барои 1 тонна мефурӯшад, ки дар ҷамъ 350,0 ҳазор долларро ташкил медиҳад. Аммо дар биржаи металлҳои рангаи Лондон 15 сентябр 1 тоннаи он маблағи 3900 доллари ИМА-ро ташкил медиҳад, бинобар ин, вобаста ба амалиёти мазкур манбаи андозбандишавандаи андоз аз фурӯш нисбат ба ҶДММ "К" фарқияти фурӯш аз харид 95,0 ҳазор доллари ИМА (390,0 ҳазор - 295,0 ҳазор) ба ҳисоб меравад.

Мисоли 3. ҶСК "Т" 10 октябри соли 2022 ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон 1000 тонна алюминийи аввалия ворид намуда, онро таҳти низоми гумрукӣ "Барориш барои муомилоти озод" қарор медиҳад. Мақомоти гумрук ҳангоми барасмиятдарории гумрукӣ бо дар назар доштани нархи алюминийи аввалия дар ҳамин сана дар биржаи металлҳои рангаи Лондон аз моли мазкур андоз аз фурӯш меситонад.

## 3. МЕЪЁРИ АНДОЗ

11. Меъёри андоз аз фурӯш барои алюминийи аввалия нисбат ба манбаи андози муайяннамудаи бандҳои 7-9 Дастурамал ба андозаи 3 фоиз муқаррар карда мешавад.

Эзоҳ: Мисол. ҶСК "Б" 1 августи соли 2022 ба микдори 500 тонна алюминийи аввалияи тамғаи А 99-ро фурӯхтааст. Нархи ин тамғаи алюминийи аввалия дар биржаи металлҳои рангаи Лондон барои 1 тонна 3024 доллари ИМА мебошад. Манбаи андоз аз фурӯш (500*3024 доллари ИМА) 1512,0 ҳазор доллари ИМА-ро ташкил медиҳад. ҶСК "Б" уҳдадор мебошад, ки аз манбаи мазкур бо меъёри 3 фоиз андоз аз фурӯшро ҳисоб ва парохт намояд. Ҳамин тариқ, ҶСК "Б" аз 1512,0 ҳазор доллари ИМА бо пули миллӣ баробар бо қурби расмии Бонки миллии Тоҷикистон ба санаи 1 август андоз аз фурӯшро ба меъёри 3 фоиз ҳисоб ва ба маблағи 517,1 ҳазор сомонӣ (1512,0 ҳазор доллари ИМА*3%*11,4 қурби 1 доллари ИМА) сомонӣ пардохт менамояд.

12. Меъёри андоз барои фурӯш нисбат ба манбаи андози муайяннамудаи банди 10 Дастурамал ба андозаи 1 фоизи муқаррар карда мешавад.

Эзоҳ: Мисол. ҶСП "А" моҳи майи соли 2022 мутобиқи шартнома бо резиденти Ҷумҳурии Украина дар ҳаҷми 10000 тонна алюминийи аввалияро бо истифодаи низоми гумрукии "Коркард дар ҳудуди гумрукӣ" истеҳсол намуд. Нархи миёнаи алюминийи аввалияи истеҳсолшуда дар биржаи металлҳои рангаи Лондон дар 2 май барои 1 тонна 2994 доллари ИМА-ро ташкил медиҳад. Тибқи банди 10 Дастурамал манбаи андоз аз фурӯши арзиши алюминийи аввалияи истеҳсолшуда мутобиқи нархҳои биржаи металлҳои рангаи Лондон 29940,0 ҳазор доллари ИМАро (10000*2994) ташкил медиҳад. ҶСП "А" уҳдадор мебошад, ки аз манбаи мазкур бо меъёри 1 фоиз андоз аз фурӯшро ҳисоб ва парохт намояд. Яъне ҶСП "А" аз маблағи 29940,0 ҳазор доллари ИМА бо мубодилаи қурби расмии сомонӣ ба санаи 2 май андоз аз фурӯшро бо меъёри 1 фоиз ба андозаи 3413,1 ҳазор сомонӣ (29940,0 ҳазор доллари ИМА*1%*11,4 қурби 1 доллари ИМА) сомонӣ пардохт менамояд.

## 4. ТАРТИБИ ҲИСОБКУНӢ ВА МУҲЛАТИ ПАРДОХТИ АНДОЗ

13. Маблағи андози пардохтшавандаро андозсупорандагон дар асоси арзиши (ҳаҷми) молҳои андозбандишаванда ва меъёри андоз

мустақилона ҳисоб мекунанд. Дар ҳуҷҷатҳои пардохти андоз намуди амалиёти андозбандишаванда зикр карда мешавад.

14. Ҳангоми харида фурӯхтани молҳои андозбандишаванда андоз аз фурӯш бо дар назар доштани нархи молҳои андозбандишаванда дар санаи харид (гирифтан), дар санаи фурӯш (интиқол) ва ҳаҷми амалиёти андозбандишаванда муайян карда мешавад.

15. Ҳангоми дар рӯзи фурӯш (супоридан) мавҷуд набудани маълумот дар бораи нархи биржавӣ, андоз дар асоси маълумоти мавҷудаи охирон оид ба нархи биржавии моли андозбандишаванда дар санаи наздиктарини рӯзи фурӯш ҳисоб карда мешавад. Маблағи андоз аз ҷониби андозсупоранда ҳангоми ворид гаштани маълумот оид ба нархи моли андозбандишавандаи фурӯхташуда дар санаи фурӯш тасҳеҳ карда мешавад.

16. Андоз то таҳвил (интиқол)-и моли андозбандишаванда ё дар муҳлати на дертар аз 3 рӯзи баъди ворид шудани маблағ ба суратҳисоби андозсупоранда дар ташкилоти қарзии молиявӣ ё ҳангоми ҳисоббаробаркунӣ бо пули накд ба хазинаи ӯ воридшуда, ҳангоми амалиётҳои дигари андозбандӣ бошад, то лаҳзаи бор кардан, таҳвил ё интиқоли молҳои андозбандишаванда пардохт карда мешавад. Шахсоне, ки дар натиҷаи амалиёти андозбандишаванда молҳои андозбандишавандаро харидаанд, уҳдадоранд, ки дар муҳлати 10 рӯз нусхаи ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи пардохти андозро ба нозироти андози андозсупорандагони калон пешниҳод кунанд. Дар ҳолати вуҷуд надоштани ҳуҷҷатҳои мазкур, ин шахсон уҳдадоранд маблағи пурраи андозро аз ҳисоби худ пардохт намоянд.

17. Ҳангоми аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба берун содир кардани моли андозбандишаванда то гузаштани сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон андоз аз рӯи нархҳои дар лаҳзаи содирот амалкунанда пардохт карда мешавад. Барасмиятдарории гумрукии содироти молҳои андозбандишаванда ба берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси тасдиқномаи нозироти андози андозсупорандагони калон оид ба пардохти андоз аз фурӯш амалӣ карда мешавад.

18. Мақомоти гумрук ҳар моҳ то санаи 10-уми моҳи минбаъдаи давраи ҳисоботӣ ба нозироти андозсупорандагони калон оид ба содироти маҳсулоти андозбандишавандаи андоз аз фурӯш нисбати ҳар як содиркунанда барои моҳи гузашта ҳисобот пешниҳод менамояд.

19. Ҳисоб намудани андоз барои амалиёти андозбандишаванда ҳангоми ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намудани алюминийи аввалия бо истифодаи низоми гумрукии "Иҷозат барои муомилоти озод" бо дар назар доштани талаботи Дастурамал ва қонунгузории гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешаванд.

20. Эъломияи андоз аз фурӯш ва ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда (ҳисобҳо) дар бораи пардохти андоз нисбат ба манбаи андози муайяннамудаи бандҳои 7-9 Дастурамал ба мақомоти дахлдори андоз аз ҷониби андозсупоранда дар муҳлатҳои барои пардохти андоз муқarrаргардида пешниҳод карда мешавад.

21. Эъломияи андоз аз фурӯш ва ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда (ҳисобҳо) дар бораи пардохти андоз нисбат ба манбаи андози муайяннамудаи банди 10 Дастурамал аз ҷониби таҳвилкунанда ба мақомоти дахлдори андоз на дертар аз санаи 15-уми моҳе, ки баъд аз моҳи ҳисоботӣ фаро мерасад, пешниҳод карда мешавад.

22. Барои сари вақт пешниҳод накардани эъломияи андоз, инчунин саркашӣ аз пардохти андоз бо роҳи дидаю дониста ба эъломия дохил кардани маълумотҳои таҳрифшуда, андозсупоранда мутобиқи қонунгузорӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

## 5. БА ҲИСОБ ГИРИФТАНИ МАБЛАҒИ АНДОЗ АЗ ФУРӮШ БА ҲИСОБИ АНДОЗ АЗ АРЗИШИ ИЛОВАШУДА ҲАНГОМИ ТАҲВИЛИ МАҲСУЛИ КОРКАРДИ ОНҲО БА БОЗОРИ ДОХИЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

23. Дар ҳолати ба бозори дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳвил намудани молҳое, ки маҳсули коркарди молҳои андозбандишаванда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, баҳисобгирии маблағҳои пардохтшудаи андоз аз фурӯш нисбат ба манбаи андози муайяннамудаи бандҳои 7-9 Дастурамал ба ҳисоби андоз аз арзиши иловашуда иҷозат дода мешавад.

24. Ҳангоми таҳвили маҳсулоти коркарди молҳои андозбандишаванда ба бозори дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳисобгирӣ дар асоси банди 21 Дастурамал бо тартиби пешбининамудаи моддаи 268 Кодекси андоз амалӣ карда мешавад.

25. Ҳангоми содироти маҳсули коркард ба ҳисоб гирифтани маблағи андоз аз фурӯш ба ҳисоби андоз аз арзиши иловашуда, ки бояд пардохт шавад, анҷом дода намешавад.

26. Агар фарқи байни андоз аз арзиши иловашуда, ки бояд аз рӯи таҳвили маҳсулоти коркард ба бозори дохилӣ пардохт шавад ва маблағи дахлдори андоз аз фурӯш манфӣ бошад, ҷуброн (баргардонидан)-и маблағ аз фурӯш аз буҷет анҷом дода намешавад. Фарқи мусбати байни маблағҳои дар боло пешбинигардида бояд ба буҷет пардохт шавад.

## 6. ТАРТИБИ ПУР НАМУДАНИ ЭЪЛОМИЯИ АНДОЗ АЗ ФУРӮШ

27. Эъломияи андоз аз фурӯш аз қисмҳои "Маълумот дар бораи андозсупоранда", "Ҳисоби андоз" ва "Тасдиқи дурустӣ ва пуррагии маълумоти дар эъломияи мазкур зикргардида" иборат мебошад.

28. Дар қисми 1 эъломия маълумоти зерин дар бораи андозсупоранда дарҷ мегардад:

1) дар сатрҳои 1, 2 ва 3 мутаносибан рақами мушаххаси андозсупоранда, рақами ягонаи мушаххас ва номи пурраи андозсупоранда дарҷ карда мешавад;

2) дар сатрҳои 4 ва 5 мутаносибан намуди эъломияи пешниҳодшаванда ва давраи андоз дарҷ карда мешавад.

29. Дар қисми 2 эъломия маълумоти зерин дарҷ карда мешавад:

1) дар сатрҳои 001, 002 ва 003 мутаносибан миқдори моли андозбандишаванда бо тонна, арзиши моли андозбандишаванда бо

доллари ИМА тибқи нархҳои дар санаи содир гардидани амалиёти андозбандишаванда дар биржаи металҳои рангаи Лондон ва арзиши моли андозбандишаванда дар санаи амалиёти андозбандишаванда бо сомонӣ дарҷ мегардад;

2) дар сатри 004 арзиши моли андозбандишаванда дар санаи хариди он бо сомонӣ дарҷ мегардад;

3) дар сатри 005 манбаи андоз (фарқи байни сатрҳои 003 ва 004) дарҷ мегардад;

4) дар сатри 006 меъёри андоз дарҷ карда мешавад;

5) дар сатри 007 маблағи андоз бо роҳи зарб намудани манбаи андоз ба меъёри андоз (сатри 005* сатри 006) ҳисоб ва дарҷ карда мешавад.

30. Дурустии маълумоти дар эъломия (ҳисобот)-и андоз дарҷшавандаро андозсупоранда бо имзои худ ва гузоштани муҳр (хаттӣ ё электронӣ) тасдиқ менамояд. Дар қисми 3 санаи пешниҳоди эъломия аз ҷониби андозсупоранда ва санаи қабули он аз ҷониби мақомоти андоз қайд карда мешавад.

31. Эъломия андоз аз фурӯш ҳангоми истифодаи низоми гумрукии коркард дар ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз қисмҳои "Маълумот дар бораи андозсупоранда", "Ҳисоби андоз" ва "Тасдиқи дурустӣ ва пуррагии маълумоти дар эъломияи мазкур зикргардида" иборат мебошад.

32. Дар қисми 1 эъломия маълумоти зерин дар бораи андозсупоранда дарҷ мегардад:

1) дар сатрҳои 1, 2 ва 3 мутаносибан рақами мушаххаси андозсупоранда, рақами ягонаи мушаххас ва номи пурраи андозсупоранда дарҷ карда мешавад;

2) дар сатрҳои 4 ва 5 мутаносибан намуди эъломияи пешниҳодшаванда, давраи андоз дарҷ карда мешавад.

33. Дар қисми 2 эъломия маълумоти зерин дарҷ карда мешавад:

1) дар сатрҳои 001, 002 ва 003 мутаносибан ҳаҷми маҳсулоти коркарде, ки бо истифодаи низоми гумрукии "Коркард дар ҳудуди гумрукӣ" истеҳсол шудаанд (бо тонна), арзиши моли андозбандишавандае, ки бо истифодаи низоми гумрукии +"Коркард дар ҳудуди гумрукӣ" истеҳсол шудаанд (бо доллар) ва арзиши моли андозбандишавандае, ки бо истифодаи низоми гумрукии "Коркард дар ҳудуди гумрукӣ" истеҳсол шудаанд (бо сомонӣ), дарҷ карда мешавад;

2) дар сатри 004 манбаи андоз барои молҳои андозбандишавандае, ки бо истифодаи низоми гумрукии "Коркард дар ҳудуди гумрукӣ" истеҳсол шудаанд, дарҷ карда мешавад;

3) дар сатри 005 меъёри андоз дарҷ карда мешавад;

4) дар сатри 006 маблағи андоз бо роҳи зарб намудани манбаи андоз ба меъёри андоз (сатри 004* сатри 005) ҳисоб ва дарҷ карда мешавад.

## 7. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

34. Назорати пардохти андоз аз фурӯш аз ҷониби мақомоти андоз амалӣ карда мешавад.

35. Андозсупорандагон, намояндагони онҳо ва шахсони мансабдор, инчунин кормандони мақомоти андоз барои риоя накардани талаботи қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи Кодекси андоз ва дигар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгар мебошанд.

Замимаи 2
ба фармоиши вазири молияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «_10_» __02__ соли 2022, №30

## Эъломияи андоз аз фурӯш

### 1. Маълумот дар бораи андозсупоранда

1 РМА ☐☐☐☐☐☐☐☐☐

2 РЯМ ☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐

3 Номи пурраи андозсупоранда ☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐

4 Намуди эъломия (дар хоначаи дахлдор аломати [x] гузошта шавад): Ибтидоӣ ☐ Навбатӣ ☐ Иловагӣ ☐ Барҳамдиҳӣ ☐

5 Давраи андоз А Моҳ ☐☐ Б Сол ☐☐☐☐

.

### 2. Ҳисоби андоз

| Рамзи сатр | Нишондиҳандаҳо | Воҳид |
|---|---|---|
| 001 | Миқдори моли андозбандишаванда (тонна) | ☐☐☐☐☐☐☐☐☐ |
| 002 | Арзиши моли андозбандишаванда (доллари ИМА) | ☐☐☐☐☐☐☐☐☐ |
| 003 | Арзиши моли андозбандишаванда (сомонӣ) | ☐☐☐☐☐☐☐☐☐ |
| 004 | Арзиши моли андозбандишаванда дар санаи харид (сомонӣ) | ☐☐☐☐☐☐☐☐☐ |
| 005 | Манбаи андоз | ☐☐☐☐☐☐☐☐☐ |
| 006 | Меъёри андоз (бо фоиз) | ☐☐ |
| 007 | Маблағи андоз (сомонӣ) | ☐☐☐☐☐☐☐☐☐ |

### 3. Тасдиқи дурустӣ ва пуррагии маълумоти дар эъломияи мазкур зикргардида

Мо (ман) барои пуррагӣ ва дурустии маълумоти дар хамин Эъломия дарљгардида тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгар мебошем (ам).

Аз ҳудудҳои муқарраршуда набароед!
______________________/______________/
Насаб, ном номи падари роҳбар Имзо

Аз ҳудудҳои муқарраршуда набароед!
______________________/______________/
Насаб, ном номи падари сармуҳосиб Имзо

Аз ҳудудҳои муқарраршуда набароед!
______________________/______________/
Насаб, ном номи падари нозири эъломияро қабулнамуда Имзо

Аз ҳудудҳои муқарраршуда набароед!
______________________/______________/
Қайд оид ба қабули Эъломия Имзо

Ҷ.М.

Санаи пешниҳоди Эъломия
☐☐☐☐☐☐☐☐
рӯз моҳ сол

Ҷ.М.

Санаи қабули Эъломия дар мақомоти андоз
☐☐ ☐☐ ☐☐☐☐
рӯз моҳ сол

Рамзи мақомоти андоз ☐ ☐

Замимаи 3
ба фармоиши вазири молияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «_10_» _02_ соли 2022, №30

# Эъломияи андоз аз фурӯш ҳангоми истифодаи низоми гумрукии коркард дар ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**1. Маълумот дар бораи андозсупоранда**

1 **РМА** ☐☐☐☐☐☐☐☐☐

2 **РЯМ** ☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐

3 **Номи пурраи андозсупоранда** ☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐

4 **Намуди Эъломия (дар хоначаи дахлдор аломати** ☒ **гузошта шавад): Ибтидоӣ**☐**Навбатӣ**☐ **Иловагӣ**☐**Барњамдиҳӣ**☐

5 **Давраи андоз** А **Моњ**☐☐ Б **Сол** ☐☐☐

**2. Ҳисоби андоз**

| Рамзи сатр | Нишондиҳандаҳо | Воҳид |
|---|---|---|
| 001 | Ҳаҷми маҳсулоти коркарде, ки бо истифодаи низоми гумрукии «Коркард дар ҳудуди гумрукӣ» истеҳсол шудааст (тонна) | ☐☐☐☐☐☐☐☐☐ |
| 002 | Арзиши моли андозбандишавандае, ки бо истифодаи низоми гумрукии «Коркард дар ҳудуди гумрукӣ» истеҳсол шудааст (доллари ИМА) | ☐☐☐☐☐☐☐☐☐ |
| 003 | Арзиши моли андозбандишавандае, ки бо истифодаи низоми гумрукии «Коркард дар ҳудуди гумрукӣ» истеҳсол шудааст (сомонї) | ☐☐☐☐☐☐☐☐☐ |
| 004 | Манбаи андоз барои молҳои андозбандишавандае, ки бо истифодаи низоми гумрукии «Коркард дар ҳудуди гумрукӣ» истеҳсол шудаанд, | ☐☐☐☐☐☐☐☐☐ |
| 005 | Меъёри андоз (бо фоиз) | ☐☐ |
| 006 | Маблағи андоз (сомонї) | ☐☐☐☐☐☐☐☐☐ |

**3. Тасдиқи дурустї ва пуррагии маълумоти дар эъломияи мазкур зикргардида**

Мо (ман) барои пуррагӣ ва дурустии маълумоти дар хамин Эъломия дарҷгардида тибқи санадҳои

қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгар мебошем (ам).

| |
|---|
| Аз ҳудудҳои муқарраршуда набароед! |
| ________________________________/____________/ |
| Насаб, ном номи падари роҳбар Имзо |

| |
|---|
| Аз ҳудудҳои муқарраршуда набароед! |
| ________________________________/____________/ |
| Насаб, ном номи падари сармуҳосиб Имзо |

| |
|---|
| Аз ҳудудҳои муқарраршуда набароед! |
| ________________________________/____________/ |
| Насаб, ном номи падари нозири эъломияро қабулнамуда Имзо |

| |
|---|
| Аз ҳудудҳои муқарраршуда набароед! |
| ________________________________/____________/ |
| Қайд оид ба қабули Эъломия |

Санаи пешниҳоди Эъломия

☐☐☐☐☐☐☐☐

рӯз моҳ сол

Ҷ.М.

Санаи қабули Эъломия дар мақомоти андоз

Ҷ.М.

☐☐☐☐☐☐☐☐

рӯз моҳ сол

Рамзи мақомоти андоз ☐

☐

Замимаи 4
ба фармоиши вазири молияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «_10_» __02__ соли 2022, №30

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

## Тасдиқнома
## оид ба пардохти андоз аз фурӯш

№ ________________
аз ___ _________ соли 20___

Тасдиқ менамоям, ки ба суратҳисоби_____________________________________________
________________________________________________________________________
аз ҷониби ________________________________________________________________
(номи андозсупоранда)
ба маблағи ______________________________________________________________
аз ҳисоби ________________________________________________________________
(амалиёти андозбандишаванда)
дар асоси_________________________________________________________________
(ном ва рақами қарордод)
________________________________________________________________________
дохил шудааст.

ҶМ. ______________ ________________ ___________________________
(мансаб) (имзо) (ному насаб)

Замимаи 5
ба фармоиши вазири молияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «_10_» _02_ соли 2022, №30

# Ҳисобот

доир ба содироти ________________ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон

барои давраи _______________ то _______________ соли 20__

| Содироткунандагон | | вазн бо кг | Нархи миёна барои тонна (доллари ИМА) | Арзиши содирот | Сана ва рақами тасдиқномаи додашудаи мақомоти андоз |
|---|---|---|---|---|---|
| Номгӯйи содироткунанда | РМА содироткунанда | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |